# Қурбонӣ—барои чӣ?

*Хонандаи меҳрубон!*

*Дар ин китобчае, ки дар даст доред мо бо шумо дар мавзуи қурбонӣ гуфтугӯ карданем. Ва ин бесабаб нест, чунки аз рӯи оини ислом одамон иди қурбонро ҷашн гирифта истодаанд.*

*Дар аввал як рубоии Хайёмро ҷой додаем ва ин бесабаб нест, шойр хотиррасон мекунад, ки агар одамро Худо бахшад ӯ аз тамоми бори гарони азоби рӯҳӣ халос мешавад. Айнан ин ба Масеҳо дахл доранд, чунки ҳар касе, ки ба Исои Масеҳ имон оварда Ӯро Наҷотдиҳанда ва Воситачии байни Худо қабул кунад, худро аз ҳамаи гуноҳҳояш озод меҳисобад. Шахси масеҳӣ боварӣ ба он дорад, ки Худо ба хотири муҳаббаташ Исо Масеҳро ба сурати одам ба замин фиристод ва Ӯ бо одамон аҳди навро баста зиндагии намунавӣ гузаронида Худро қурбонӣ кард, ва бо ин фаҳмонд, ки замони қурбонӣ кардани ҳайвонҳо ба охир расид. Ва одам на ба воситаи амалҳои нек (таълимоти инҷил саршори амалҳои неки инсонӣ мебошад) ва қурбониҳои бефоида, балки ба воситаи имон овардан ба ин амали Худованд, ки ин ройгон ба одамон ҳамчун тӯҳфа, ки ин файзи Ӯ мебошад, наҷот меёбанд.*

*Дар поён барои равшани андохтан барои шумо аз Китоби Муқаддас якчанд оятҳоро пешкаш мекунем. Мо имони комил дорем, ки ҳар кас роҳи дурусти наҷотро интиҳоб мекунад.*

Барои чӣ Худо қурбониро барои одамон фармуд? Мақсади қурбонӣ чист? Оё дар замони мо қурбонӣ лозим аст? Барои ҷавоби дуруст ёфтан ба ҳамаи ин саволҳо мо ба Китоби Муқаддас нигоҳ мекунем.

“Берехтани хун омурзиш нест.”

*—Инҷил, Ибриён 9:22*

Чуноне, ки дидем пок шудан аз гуноҳро фақат ба воситаи рехтани хун Парвар-дигор ба мо фармудааст.

## *Барои чӣ қурбонӣ кардан муҳим аст?*

“Чунки ҷони ҷисм дар хун аст, ва Ман онро ба шумо барои қурбонгоҳ додаам, то ки ҷонҳои шуморо сафед намояд, зеро ҳамин хун аст, ки ҷонро сафед менамояд.”

*—Таврот, Ибодат 17:11*

“Ва Исҳоқ ба падари худ Иброҳим сухан ронда, гуфт: ‘Эй падарам!’ Гуфт: ‘Лаббай, писарам!’ Гуфт: ‘Инак оташ ва ҳезум, пас барраи қурбонӣ куҷост?”



Иброҳим гуфт: ‘Эй писарам, ***Худо барраи қурбониро барои Худ ҳозир хоҳад кард***.’”

*—Таврот, Ҳастӣ 22:7-8*

Ҳамаи ин аҳди Худо бо одамон то заволи замони Таврот буд ва Худо байни мо аҳди навро бо омадани Исои Масеҳ дар замин барқарор кард, чӣ хеле ки мо аз Калом мебинем. Ӯ ба ҳама чиз қодир аст, аз ин сабаб ба хотири муҳаббати Худ, Ӯ Писари Худро барои қурбонӣ ба замин овард, то ки мо дар хуни Ӯ сафед шавем. Ӯ мисли Иброҳим чизи азизтарин— Писарашро ба мо дод.

Ин хости Худо буд ки Исои Масеҳ курбонии ҳама кас бошад: “Ки Исоро Худо пешниҳод кард, то ки дар Хуни Ӯ ба воситаи имон сафед бошанд.”

*—Инҷил, Румиён 3:25*

Яҳё Исоро дид, ки ба ҷониби вай меояд, ва гуфт: “Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад.”

*—Инҷил, Юҳанно 1:29*

Яҳё шаҳодат ва пешгӯи мекард, ки Исо барои гуноҳҳои ҷаҳон мемурад. “Хуни Писари Ӯ Исои Масеҳ моро аз ҳар гуноҳ пок менамояд.”

*—Инҷил, (1) Юҳанно 1:7*

### *Ҳозир қурбонӣ кардан лозим аст ё не?*

“Ва ***на ба воситаи хуни бузҳо ва говҳо***, балки ба воситаи хуни Исо якбор ба Қудс (ҷои Худо) дохил шуда, сафед ва абадиятро пайдо мекунем.”

*—Инҷил, Ибриён 9:12*

“Аммо Исо алҳол, дар охири замонҳо, якбор зоҳир шуд, то ки бо қурбонии Худ гуноҳҳоро нест кунад.”

*—Инҷил, Ибриён 9:26*

Ҳозир қурбонӣ кардан лозим нест: “Ва дар он ҷое ки омурзияи гуноҳҳо ҳаст, қурбонӣ барои онҳо дигар лозим нест.

*—Инҷил, Ибриён 10:18*

Худо муҳаббат аст ва ба максади шустани гуноҳҳои моро ҳозир кард. Худо моро дӯст медорад ва мехоҳад атои Ӯро қабул кунем: “Муҳаббат дар ин аст, ки на мо Худоро дӯст доштаем, балки Ӯ моро дӯст дошт ва Писари Худро барои сафед шудани гуноҳҳои мо фиристод.”

*—Инҷил, (1) Юҳанно 4:10*

**_Муҳаббати Худо_**

“Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад. Зеро Худо Писари Худро ба ҷаҳон барои он нафиристод, ки бар ҷаҳон доварӣ кунад, балки барои он ки ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот ёбад. Ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, маҳкум намешавад, лекин ҳар кӣ имон наоварад, аллакай маҳкум шудааст, чунки ба исми Писари ягонаи Худо имон наовардааст.”

*—Инҷили Юҳанно 3:16-18*

# Қурбонӣ-барои чӣ?

Бо бахшиши ту ман аз гунаҳ н-андешам,
Бо тӯшаи ту зи ранҷи раҳ н-андешам.
Гар раҳми туам сапедрӯй ангезад,
Ман ҳеҷ зи номаи сияҳ н-андешам.

*—рубоии Хайём*

